**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017–и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ равандест, ки ба таъсис ва идоракунии самараноки тамоми унсурҳо ва хизматрасониҳои зарурӣ, ки фаъолияти системаи нақлиёти автомобилиро дар ҳудуди муайян таъмин мекунанд, равона карда шудааст. Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба таъмини бехатар, самаранок ва устувори ҳаракати нақлиёти автомобилӣ нигаронида шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Бобозода К.О. кӯшиши зина ба зина ва муфассал дар асоси равишҳои методологӣ ва таҳияҳои таҳлилии истифодашуда барои баррасии проблемаи мубрами ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Муаллиф дар автореферат қайд мекунад, ки объекти инфрасохтори наклиёти автомобилӣ ба мақсадҳо ва муносибатҳои нави наклиётию иқтисодии давлати сохибихтиёр ва мустақили Тоҷикистон дар шароити нави фаъолияти иқтисодиёти миллӣ мутобиқат намекунад. Дар ҳақиқат, бо дигаргунсозиҳои системаи иҷтимоию иқтисодии мамлакат бисёр талаботҳои нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омадаанд, алоқаҳо, маршрутҳо ва ғайраҳо тағйир ёфтаанд, ки ташкил ва идоракунии самараноки фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилиро талаб мекунанд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки таҳлили бисёрҷанбаи мушкилоти аз нигоҳ назария, методология ва амалия ба миён гузошташуда муаллифро ба зарурати таҳияи равишҳои назариявӣ ва методологии муайян кардани моҳияти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ водор кардааст. Диссертант таъкид мекунад, ки инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ба рушди минтақаҳо, муайян намудани номутавозунии онҳо ва истифодаи самараноки нерӯи захиравии ҳудудҳо таъсири муайян мерасонад.

Дар автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар кор омилҳоеро муайян ва ба низом даровардааст, ки ба фаъолияти бозори инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таъсир мерасонанд ва дарки моҳияти бисёрҷонибаи ин фаъолияти истеҳсолиро пурра мекунанд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки ин фаъолият системаи мураккаби кушодаи иҷтимоию иқтисодиест, ки иқтисодиёти таъсиси ҳудудиро ташкил мекунад.

Диссертант дар кор дар асоси таҳлили инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дидгоҳи нави унсурҳои сохтории инфрасохтори мазкурро дар асоси маҷмӯи равишҳои системавӣ, кластерӣ ва логистикӣ таҳия кардааст, ки мазмуни инфрасохторро дар системаҳои гуногуни ташкил ва идоракунии раванди интиқол ошкор мекунанд. Тезиси муаллиф оиди дар ташаккули кластерҳои ҳудудӣ ва соҳавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши босуръати фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ нақши муҳим мебозад, шоёни таваҷҷуҳ аст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки диссертант ба омилҳо ва хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ таваҷҷуҳи махсус додааст. Вай дар кор мавқеъ ва аҳамияти фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилиро дар раванди дигаргунсозиҳои иқтисодиёти мамлакат муқаррар кардааст.

Дар баробари бартариҳои бешубҳаи таҳқиқоти кори диссертатсионӣ дар автореферати диссертатсия ба таъмини бехатарӣ, самаранокӣ ва устувории ҷараёни фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ аҳамияти кам дода шудааст.

Вале ин камбудӣ аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунад.

Аз автореферат дида мешавад, ки кори диссертатсионӣ самараи таҳқиқи баланди тахассусӣ, асоснокшуда ва мустақилона ба анҷом расонидаи муаллиф аст, ки дар он ба таҳқиқи асосҳои назариявию методологӣ ва амалӣ диққати калон дода шудааст. Автореферат хулосаҳо, муқаррарот ва натиҷаҳои таҳқиқотро пурра инъикос намуда, бо навигарии илмии худ фарқ мекунад.

Мундариҷаи автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки кори диссертатсионии Бобозода Комил Олимҷон ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи докторӣ пурра ҷавобгӯй аст ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии**
**Донишгоҳи давлатии бизнес, ҳуқуқ**
**ва сиёсат Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

**Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н, хонаи 1.**

**Имзои д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС